# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ оид ба кори дисертатсионии Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**», барои ҳимоя намудан ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D аз рӯйи ихтисоси 6D.06.06.03- Химияи органикӣ

Шарипов Фирдавс Нуралиевич аз давраи донишҷӯӣ ба корҳои илмӣ машғул аст. Ӯ пас аз хатми зинаи магистрантураи факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуд.

Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар рафти анҷоми кори диссертатсионӣ худро хамчун мутахассиси кордон, боандеша ва боистеъдод нишон дод.

Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар раванди омӯзиш ва таҳсили доктори фалсафа Ph.D қобилияти мустақилона пеш бурдани таҳқиқотҳои амиқи назариявӣ ва дар доираи васеи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ оид ба модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ анҷом додаст.

Дар баробари корҳои илмию таҳқиқотиаш Шарипов Фирдавс Нуралиевич бо мақсади аз худ намудани маҳорати педагогӣ дар корҳои тарбиявӣ фаъолона иштирок намуда, дар кафедраи химияи органикӣ ҳамчун муаллими донишманд буданашро нишон дод.

Бо кормандон ва донишҷӯён муоширати хуб дорад.

Ҳангоми кори рисолаи доктори фалсафа Ph.D Шарипов Фирдавс Нуралиевич ҳам иҷрокунандаи лоиҳаи илмии озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.х., профессор, узви вобастаи АМИТ Б.Ҳ. Кимсанов Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҳосилаҳои γ-аминокислотаи равғанӣ дар асоси эпихлоргидрин ва α-монохлоргидрин глитсерин: синтез, хосият ва истифодабарии он» (рақами ба қайдгирии давлатиаш 0119TJ01002) ва «Синтези ҳосилаҳои аминокислотагии глитсерол, диглитсерол ва $C_{60}$ бо мақсади дарёфти маводи фаъоли биологӣ» (рақами ба қайдгирии давлатиаш 0124TJ1600) ба таҳқиқоти илмӣ машғул буд.

Кори илмии Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» бахшида шудааст, ки собитҳои физикӣ-химиявии моддаҳои ҳосилкардашуда ҳамчун маводи маълумотӣ ба ҳисоб рафта ва барои мутахассисоне, ки ба синтези пайвастаҳои органикӣ машғуланд мусоидат менамояд, инчунин дар раванди таълим ҳангоми хондани лексия аз химияи органикӣ, биоорганикӣ ва курсҳои махсус аз манфиат холӣ набуда донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён натиҷаҳои кори мазкурро мавриди истифода қарор дода метавонанд.

Дар рафти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ проблемаҳои актуалии химияи органикӣ хал карда шуданд. Ҳангоми кор бо диссетратсия Шарипов Фирдавс Нуралиевич якчанд модел ва усулҳоро инкишоф дод.

Дараҷаи баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки дар таҳқиқоти аз усулҳои муосири барои ҳалли масъалаҳои мураккаб ва навтарин усулҳои назариявӣ ва амалӣ истифода барад. Рисо́ла илмӣ аз нигоҳи нав проблемаҳои муҳими анъанавии назариявӣ, синтези органикӣ ва амалиро ҳал менамояд.

Кори диссертатсионии Шарипов Фирдавс Нуралиевич як катор натиҷаҳои нави диқатҷалбкунандаро дарбар мегирад, ки асоснокии илмии онҳо бешубҳа, барои фаҳмидани синтези пайвастаҳои органикӣ аҳамияти калон доранд. Натиҷаҳои кор пурра ва сари вақт дар маҷалаҳои тақризшаванда, нашрияҳои муосир чоп карда шуда, дар конференсияҳо, семинарҳо ва симпозумҳои байналмилалӣ баромад намудааст.

Диссертант дар кори диссертатсионияш ҷиддияти калони илмӣ нишон дод. Дар раванди кори дисертатсионӣ Шарипов Фирдавс Нуралиевич ҳамчун мутахасиси баландихтисос ва ташаббускор, ба ҳалли масъалаҳои мураккаби соҳаи илми химияи органикӣ қодир будани худро нишон дод.

Махсусан қайд мекунам, ки кори мустақилона иҷрошуда, қобилияти равандҳои коркарди диссертатсия ба тафаккури эҷодӣ, суботкорӣ, инчунин самти хуб доштан ба мавзуи мушаххаси таҳқиқотро дорад.

Дар умум, Шарипов Фирдавс Нуралиевич метавон ҳамчун муҳаққиқи собитқадам, ки қодир ба ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташударо дорад, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, номзади илмҳои химия рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ аст.

Ҳамин тариқ дисертатсияи «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад, Шарипов Фирдавс Нуралиевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
директори ИИТ ДМТ,
доктори илмҳои химия, и.в. профессор — Раҷабзода С.И.

Имзои директори ИИТ ДМТ, и.в. профессор С.И. Раҷабзода-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои ИИТ ДМТ — Раҳматуллоева З.

26.03.2024